ПРОТОКОЛИ №05-и

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-085 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 14 – уми августи соли 2026 шаҳри Душанбе

Иштирок доштанд: аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – 9 нафар, аз рӯйи ихтисос 5 нафар

14-уми августи соли 2026, соати $9^{\underline{00}}$ дар толори шурои олимони факултети механиконии кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-085 баргузор гардид. **Вақти анҷоми ҷаласа:** соати $12^{\underline{14}}$

Раиси шуро: доктори илмҳои техникӣ Аҳмадзода Баҳромҷон Раҷаб.

Котиби илмӣ: номзади илмҳои техникӣ, дотсент Бобозода Бахтиёр Бобо.

Раиси шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 11 нафар тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.02.2026 фармоиши №33/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузурии аъзои шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа 9 нафар аъзои шуро иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм ва 2 нафарашон номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Бо сабаби бемор шудани аъзои шуро доктори илмҳои техникӣ, профессор Ҷабборов Нозим Исмоилович ва номзади илмҳои техникӣ Камолов Тоҳир Мухторович ба ҷаласаи шуро ҳозир нашуданд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки ба кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям овоз диҳад. Кӣ тарафдор? Тарафдор – 9 нафар. Муқобил – нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072412-Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ.

Диссертатсия дар кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмии довталаби дараҷаи илмӣ **Мироқилов Ҷамшед Ҳамзаевич** – номзади илмҳои техникӣ, омӯзгори кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур мебошад.

Муқарризони расмӣ:

Ғафорзода Абдулазиз Абдуллофиз – доктори илмҳои техникӣ, котиби илмии шуъбаи илмҳои физикаю математика, химия, геология ва техникии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Рузимуродов Абдугафор Абдусаторович – номзади илмҳои техникӣ, декани факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионии Донишкадаи байналмилалии Леваканти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд.

БАРОМАД НАМУДАНД:

1. **Раиси шуро:** доктори илмҳои техникӣ Аҳмадзода Баҳромҷон Раҷаб.

2. **Котиби илмии шуро**: номзади илмҳои техникӣ, дотсент Бобозода Бахтиёр Бобо.

3. Доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос: Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, доктори илмҳои техникӣ, профессор Ахунов Тахир Имяминович, номзади илмҳои техникӣ Амиров Нуриддин Ризвонович, номзади илмҳои техникӣ Мирзозода Шамсулло Изат ва доктори илмҳои иқтисодӣ Носиров Раҳимбек ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло, номзади илмҳои техникӣ, омӯзгори кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Мироқилов Ҷамшед Ҳамзаевич шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

1. **Ғафорзода Абдулазиз Абдуллофиз** – доктори илмҳои техникӣ, котиби илмии шуъбаи илмҳои физикаю математика, химия, геология ва техникии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

2. **Рузимуродов Абдугафор Абдусаторович** – номзади илмҳои техникӣ, декани факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионии Донишкадаи байналмилалии Леваканти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Ахунов Тахир Имяминович - доктори илмҳои техникӣ, профессор.

2. Буҳодуров Шукрулло Бурхонович – доктори илмҳои техникӣ.

3. Мирзозода Шамсулло Изат – номзади илмҳои техникӣ, дотсент.

4. Носиров Раҳимбек – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

5. Амиров Нуриддин Ризвонович - номзади илмҳои техникӣ.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он се нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – Носиров Раҳимбек, Амиров Нуриддин Ризвонович ва Улфатзода Абумуслим Ғаюр интихоб гардиданд.

Аз 9 нафар аъзои шуро, ки дар ҷаласа ҳузур доштанд, дар бахши овоздиҳӣ 9 нафар иштирок намуданд: аз инҳо 3 нафар докторони илм ва 2 нафарашон номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия мебошанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор - нест.

Аъзои шурои диссертатсионӣ тариқи овоздиҳӣ протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072412-Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ қабул гардид.

ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-085 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 14-уми августи соли 2026 **шаҳри Душанбе**

Суханронии Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072412-Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ, тақризи муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, суханронии муқарризони расмӣ: Ғафорзода Абдулазиз Абдуллофиз – доктори илмҳои техникӣ, котиби илмии шуъбаи илмҳои физикаю математика, химия, геология ва техникии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; Рузимуродов Абдугафор Абдусаторович – номзади илмҳои техникӣ, декани факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионии Донишкадаи байналмилалии Леваканти

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда доктори илмҳои техникӣ, профессор Ахунов Т.И., доктори илмҳои техникӣ Буҳодуров Ш.Б., номзади илмҳои техникӣ Мирзозода Ш.И., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Носиров Р.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло.

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло дар мавзуи «Асосноксозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072412-Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводди илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072412-Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ дода шавад.

4. Барои додани дипломи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос ба Раҳматзода Шаҳобуддин Зувайдулло аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 9 нафар. Мукобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои техникӣ, дотсент Аҳмадзода Б.Р.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ, дотсент Бобозода Б.Б.

Имзоҳои Аҳмадзода Б.Р. ва Бобозода Б.Б. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А. Х.
14-уми августи соли 2026